# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундаричаи он", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он" дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Гулмаҳмадов Салоҳиддин яке аз мавзуъҳои ҳалталаби педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, замони муосир ва рушди босуръати илму технология зарурати дастёбӣ ба таҳсилоти босифат ва таҳсилот барои тамоми тӯли ҳаётро ба миён гузоштааст ва дар ин миён мутахассиони донишу таҷрибаи баланди дорои тафаккури мантиқиву интиқодидошта метавонанд ба натиҷаҳои назаррас комёб шаванд. мутахассисони оянда ҳисобидааст.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Гулмаҳмадов Салоҳиддин аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои баланд бардоштани донишҳои иқтисодии хатмкунандагони литсей ва донишҷӯёни соли аввали муассисаҳои олии касбӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- асосҳои методологии омӯзиши проблемаи ташаккули сатҳи донишҳои иқтисодии хатмкунандагони литсей ва касбазхудкунии онҳо бошуурона омӯхта шуда, мафҳуми онҳо аз ҷиҳати назариявӣ то андозае аниқ карда шудааст;
- муайян карда шудааст, ки салоҳияти кор бо ташкили дарс бо роҳу усулҳои ҷалби хонандагон дар тамоми зинаҳои таҳсилот барои тамоми фанҳои дигар зарурӣ мебошад;
- омилҳои асосии дарки фаҳмиш, ки дар давраи баъдӣ ҷалби қисмати зиёди хатмкунандагони литсейро ба интихоби касбҳои иқтисодӣ метавон таъмин намуд;

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгори фанни математика, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба ташкил ва бароҳмонии ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот, махсусан зинаҳои литсей-донишгоҳ бо мақсади амалӣ намудани таълими муттасили иқтисодӣ бо хатмкунандагони литсей ва донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳи олии касбӣ иҷро гардида, ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;

- проблема ва асосҳои назариявию амалии таълими муттасил, ташкили дурусти худомӯзӣ дар байни хатмкунандагони литсей, ташхиси дониши хонандагону донишҷӯён ва муайян кардани меъёрҳои муайяни донишҳои иқтисодии онҳо аниқ ва коркард карда шудаанд;

- муайян намудани мундариҷаи адабиётҳои таълимию методӣ бо дарназардошти муттасилии таълим дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва заминаҳои психологии раванди мазкур муайян карда шудаанд;

- аҳамияти воситаҳои фразеологӣ ва тасвир дар ташаккули малакаҳои кор бо матн ва дарки маъно, роҳу усулҳои истифодаи усулҳои анъанавӣ ва интерактивӣ дар таълим ва аҳамияти он дар ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошууронаи матн баррасӣ карда шудаанд;

- амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашуда доир ба ташкилу баргузор намудани дарсҳо бо усулҳои муосир пешниҳод карда шудааст, ки ба рушди маҳорату малакаҳои хонандагону донишҷӯён мусоидат менамояд;

- натиҷаҳои амалии таҳқиқот ва истифодаи тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи барномаи таълимӣ ва ворид намудани таҷрибаҳои амалӣ бо ҳамкории кормандони зинаҳои таҳсилот бошуурона таҷдиди назар шаванд;

- роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими фанни иқтисодиёти синфҳои хатмкунандаи муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд;

- тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди таълими фанни иқтисодиётро таъмин хоҳанд кард;

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи довталаб бо мавқеъҳои назариявие, ки дар илми педагогикаи муосир тасдиқ шудаанд, муқоиса гардида, асоснокии маълумоти бадастомадаро тақвият бахшиданд. Тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорони фанни иқтисодиёт ва дигар машваратҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони фанҳои номбурда ва таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шаванд.

Дар баробари анҷом додани корҳои муҳими илмиву амалӣ, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба монанди ғалатҳои техникиву имлоӣ ҷой доранд, ки бартараф кардани он зарур аст.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки камбудиҳои дар боло ироашуда, арзиши илмиву амалии диссертатсияро кам намегардонанд.

Тартиби таҳияи автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории автореферат\ҳо барои дарёфти дараҷаи илмий доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Кори таҳқиқотии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей - донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи
таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали
"Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф"
дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.А.

15.03.2025

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 8а
Тел: 915.27.22.21 E-mail: kurbonova-73@mail.ru

Имзои Қурбонова Г.А.ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
Филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи
маориф" дар шаҳри Душанбе Баҳронбекова Н.